# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Дар шароити рушди илми таърих ва таваҷҷуҳи рӯзафзун ба омӯзиши саҳифаҳои таърихи мероси арзишманди маънавии гузаштагон, таҳқиқи ҳаёту фаъолияти намояндагони барҷастаи таърихнигории миллати тоҷик аҳаммияти махсус касб менамояд. Аз ҳамин нуктаи назар, диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло ба омӯзиши мероси илмии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI», бахшида шуда, яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи ватаниро фаро гирифтааст.

Таҳлили муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи таҳқиқшавандаро аз дидгоҳи сарчашмашиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар он нақш ва ҷойгоҳи мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар омӯзиши вокеаҳо ва равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои XV-XVI муайян гардидааст.

Мубрамияти мавзуъ аз он бармеояд, ки то имрӯз осори мутафаккири тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун объекти махсуси таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиши фарогир қарор нагирифтааст. Дар автореферат дуруст таъкид шудааст, ки маълумоти мавҷуда асосан дар шакли мақолаҳои ҷудогона, таҳқиқоти алоҳида ва навиштаҳои хусусияти оммавидошта инъикос ёфта, таҳлили мукаммали илмии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» анҷом дода нашудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо ҳамдигар мутобиқ буда, барои расидан ба натиҷаҳои илмии пешбинишуда заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф тавонистааст вазифаҳои асосии таҳқиқотро бомуваффақият ҳал намуда, масъалаҳои гузошташударо дар доираи мавзуи интихобшуда мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Ҷиҳати дигари арзишманди кор истифодаи маҷмуи усулҳои илмии таҳқиқ мебошад. Муаллиф зимни омӯзиши масъала аз принсипҳои воқеънигорӣ ва беғаразии илмӣ истифода намуда, равишҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ, таҳлили таърихнигорӣ ва дигар усулҳои

маъмули илмиро ба кор бурдааст, ки барои дастёбӣ ба натиҷаҳои асоснок мусоидат намудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки нахустин маротиба «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» дар омӯзиши таърихи минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр дар давраи мавриди таҳқиқ аз нигоҳи илми таърихнигорӣ таҳлил шудааст. Ҳамчунин, дидгоҳҳои мутафаккир дар муқоиса бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар муҳаққиқон арзёбӣ гардида, ҷойгоҳи ӯ дар рушди илми таърихи халқи тоҷик муайян шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, курсҳои махсус ва омӯзиши масъалаҳои марбут ба таърихи халқи тоҷик  истифода шаванд.

Сохтори диссертатсия мантиқӣ буда, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳою адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Тартиби ҷойгиршавии мавод ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад.

Автореферат бо забони илмии равон ва услуби таҳлилӣ таҳия гардида, сатҳи хуби омодагии касбӣ ва илмии муаллифро нишон медиҳад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаҳои конференсияҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз апробатсияи кофии онҳо шаҳодат медиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти муҳтавои автореферат метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда,

муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон: **Муҳидинов С.Р.**

«Имзои доктори илмҳои таърих, профессор Муҳидинов С.Р.–ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ **Боровицкая Л.А.**

«17» 09 соли 2026

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М. Турсунзода,**
**тел: (+992 37) 221 35 50, факс: (+992 37) 221 05 70;**
**Сомонаи расмӣ: http://www.rtsu.tj**
**E-mail: raja1956@)mail.ru**